# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Файзуллоева Зебунисо Буходировна дар мавзӯи «Ҷанбаҳои таърихӣ-педагогии арзишҳои миллии мардумони Осиёи Марказӣ ва мақоми онҳо дар таълиму тарбияи насли наврас», ки ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) пешниҳод гардидааст.**

Масъалаи мавқеъ ва мақоми ҷанбаҳои педагогии арзишҳои миллӣ ва роҳу равиши истифодаи онҳо дар ҷараёни таълим ва тарбия, яке аз вазифаҳои мубрами педагогикаи муосир ба шумор рафта, таҳлили ҷанбаҳои педагогии арзишҳои миллӣ, мазмун ва моҳияти онҳо далели онанд, ки омилҳои педагогӣ маҳз дар таркиби рукнҳои пурарзиши он таҷассум ёфтаанд ва дар тарбияи маънавӣ накши муассир доранд. Аз таҳқиқи мавзӯи омилҳои педагогии арзишҳои миллӣ маълум мегардад, ки ин принсипи муҳим дар мазмуни барномаҳои таълимӣ ба дараҷаи кофӣ мавриди баррасӣ қарор надорад.

Чуноне аз автореферати рисолаи унвонҷӯ Файзуллоева Зебунисо дар мавзӯи «Ҷанбаҳои таърихӣ-педагогии арзишҳои миллии мардумони Осиёи Марказӣ ва мақоми онҳо дар таълиму тарбияи насли наврас», бармеояд, пӯиши мазкур барҳақ кӯшиши аввалину саривақтӣ ва ҷолиби диққат буда, дар доираи талаботҳои навтарини таҳқиқоти илмӣ рӯйи кор омадааст.

Муҳаққиқ дуруст ба инобат гирифтааст, ки дар вазъияте, ки арзишҳои ба мо бегона, таълимот ва назарияҳои ғайр бо роҳҳои ошкорову пинҳонӣ сарҳадҳои маънавиятро шикаста ба ҷомеа асосҳои маънавии махлутро ҷорӣ карданӣ мешаванд, бояд роҳҳои пурсамари таълиму тарбияро ҷустуҷӯ намоем.

Таҳқиқу омӯзиш ва баррасии автореферати диссертатсия собит менамояд, ки муҳаққиқ мавзӯъро чуқур таҳқиқ карда тавонистааст ва

хусусиятҳои хоси арзишҳои миллии мардумони Осиёи Миёнаро аз нигоҳи аҳамияти педагогии онҳо ба саҳнаи илм ворид намудааст.

Назари таърихию педагогӣ ба масъалаи баррасишаванда ба диссертант имкон додааст, ки дар бораи мақоми арзишҳои миллӣ дар раванди бардавоми барқарор будани урфу одатҳои мусулмонӣ дар Осиёи Марказӣ хулосаи зарурӣ бардошта шуда, аз дидгоҳи дунявият роҳҳои ҳамгиройии онҳо дар замони муосир ҷустуҷӯ гарданд. Ба шакли далели ин нуқтаи назар, чунин мулоҳиза оварда шудааст: ба назарияи педагогика мафҳуми "арзишҳои миллӣ" ворид карда шуда, имконияти истифодаи ҷанбаҳои педагогии ин арзишҳо дар муассисаҳои таълимии дунявӣ исбот карда шудааст; аз ҷиҳати назариявӣ истифодаи арзишҳои миллӣ, дар ҷараёни таълиму тарбия асоснок карда шудааст; асосҳои методологӣ ва назариявии истифодаи арзишҳои миллӣ дар доираи омӯзиши фанҳои гуногуни муассисаҳои таълимӣ дода шуда, аз рӯйи синну сол ва хусусиятҳои фардии бачагон омӯзиши назариявии арзишҳои миллӣ тавсия карда шудааст.

Муҳаққиқ дар назди худ вазифа гузоштааст, ки ҷанбаҳои педагогии арзишҳои миллӣ, хусусият ва моҳияти онҳоро муайян созад, фаъолияти муассисаҳои таълимиро аз замонҳои қадим то ибтидои асри XX ва зинаҳои таълиму тарбияи миллиро ба риштаи таҳлил ва таҳқиқ кашад, ҷанбаҳои педагогии арзишҳои миллӣ, ҷойгоҳ ва нақши таълиму тарбияро дар низоми арзишҳои миллӣ таҳлил намояд ва дар анҷом мақоми арзишҳои миллиро дар рушди худшиносии миллӣ, истифодаи роҳу равиш ва шаклҳои истифодаи арзишҳои миллиро дар раванди таълиму тадриси замони муосир чун воситаи рушди маънавиёти миллӣ таҳқиқ намояд.

Диссертатсия аз муқаддима, ду боби мустақил ва хулоса таркиб ёфта, дар заминаи таҳлили манбаъҳои илмии таърихӣ ва педагогӣ таълиф шудааст.

Тавре аз мазмуни автореферат маълум мешавад, довталаби дараҷаи илмӣ дар боби якуми диссертатсия дар асоси таҳлили назариявӣ дар бораи таърихи ташаккул ва фаъолияти муассисаҳои таълимӣ маълумотҳои зиёд гирдоварӣ кардааст. Дар асоси онҳо муайян шудааст, ки воқеан таълиму

тарбияи миллӣ ин ҷараёни мақсадноки таълим буда, барои тарбия ва ташаккулёбии шуури миллӣ нигаронида шудааст. Дар ин боб вазифаи истифодаи беҳтарин арзишҳои миллӣ дар ҷараёни таълими дунявии муосир гузошта шудааст. Муҳаққиқ дар боби мазкур таъкид намудааст, ки зинаҳои таълиму тарбия дар асоси арзишҳои миллӣ ба монанди тарбияи ибтидоӣ, омӯзиши хату савод ва асосҳои дониш, ҷустуҷӯи илму дониши мукаммал ташаккули шахсиятро мукаммал мегардонад ва омилҳои педагогии он қобили таваҷҷӯҳ мебошанд.

Дар боби дуюм муаллиф таъкид намудааст, ки аълотарин арзишҳои инсонӣ дар ташаккули симои маънавӣ – таълим ва тарбия, аз замонҳои қадим барои тамоми аҳли башар мавқеи муҳим дошта, дастовардҳои имрӯзаи он натиҷаи машаққат ва сайъу кӯшиши инсоният тӯли қарнҳои зиёд мебошад.Ӯ худшиносии миллиро дараҷаи шуури шахсӣ ва ҷамъиятӣ, маҷмӯи тасаввурот ва анъанаҳои миллӣ мешуморад. Ба фикри муҳаққиқ дар такя ба арзишҳои асосии таълиму тарбияи ниёгонамон, ки ҷузъи арзишҳои миллиро ташкил медиҳанд, консепсияи таълиму тарбияи муосирро дар асоси ғояҳои мазкур ба тартиб овардан мумкин аст.

Дар хулосаи тадкиқоти мазкур мақоми арзишҳои миллӣ чун яке аз омилҳои ғанӣ гардонидани низоми тарбияи ахлоқӣ дар муассисаҳои таълимии замонавӣ борикбинона санҷида шудааст. Дар ҷараёни таҳқиқи мавзӯи интихобшуда бо мазмуни барномаҳои мактабии Федератсияи Россия, Ҷумҳуриҳои Ӯзбекистон, Тоҷикистон ва Қазоқистон шинос гардида, мавқеи арзишҳои миллӣ ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст ва имконияти истифодаи ин арзишҳо дар ҷараёни таълими дунявӣ ба миён оварда шудааст.

Таҳқиқоти мазкур аз ҷиҳати илмӣ арзишҳои назаррасро соҳиб буда, муътамадӣ, асосноккунӣ ва возеҳии он дар гузориши проблема ва роҳҳои ҳалли он, ҳадаф, вазифа, фарзия ва аҳамияти назариявию амалии он андешаҳои фавқро собит месозад.

Мувофиқи натиҷаҳои дар автореферат баррасигардида кори диссертатсионӣ дар мавзӯи «Ҷанбаҳои таърихӣ-педагогии арзишҳои миллии

мардумони Осиёи Марказӣ ва мақоми онҳо дар таълиму тарбияи насли наврас» ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмии КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016 таҳти №505 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯй буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) сазовор мебошад.

Доктори илмҳои педагогӣ,
профессори кафедраи низоми
иттилоотӣ дар иқтисодиёти Донишкадаи
сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат **Мирзоев А. Р.**

30.08.2021

Суроға: 734025, ш. Душанбе, к. Борбад, 48/5;
Тел.: : 918636113; E-mail: aziz69@mail.ru

*"Имзои А.Р.Мизоевро тасдиқ мекунам"*

Сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДМТ Ҷӯраев Ш.Н.

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС